# Системаи Минтақавии Мониторинг ва Огоҳкунии Қаблӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

Одамони комилҳуқуқ.
Кишварҳои босубот.

## Ҳисоботи моҳи июни соли 2015

# Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (1:1 000 000)



## ШАРҲИ УМУМӢ

### ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ

Тибқи маълумотҳои Ситод оиди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят моҳи июни соли 2015 ҳолатҳои фавқулоддаи вазиши шамоли сахт, сухтор, омадани сел, обхезӣ, ғарқшавии одамон ҳангоми аз меъёр зиёд ҷорӣ шудани об дар ҷуйҳо (каналҳо) ва садамаҳои нақлиётӣ ҳангоми боридани боронҳо дар шоҳроҳҳо аз эҳтимол дур нест. Ҳангоми аз меъёр зиёд боридани борон, инчунин об шудани пиряхҳо (баландшавии сатҳи оби дарёҳо) хатари омадани сел дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла: Ҳамадонӣ, Қубодиён, Шаҳритуз, Фархор, Восеъ, А.Ҷомӣ, Хуросон, Бохтар, Панҷ, Ҷиликул, Ҷ.Румӣ, Шӯрообод, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон аз эҳтимол дур нест.

### МАЪЛУМОТИ БОДУ ҲАВО

Тибқи маълумотҳои Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон моҳи июни соли 2015 дар миқёси вилоят ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво наздики меъёри иқлимӣ буда, дар водиҳо 26-28 дараҷа гарм ва дар ноҳияҳои доманакӯҳҳо ба 22 дараҷа гарм рост меояд. Миқдори миёнаи боришот дар аксарияти ноҳияҳо аз меъёр кам пешбинӣ шуда, меъёр дар водиҳо (1-12 мм), дар ноҳияҳои доманакӯҳҳо бошад (16-22 мм) дар назар дошта шудааст.

### АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Тибқи маълумотҳои шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар моҳи июни соли ҷорӣ дар назар аст, ки аз ҳисоби нерӯгоҳҳои барқии обии дар ҳудуди вилоят буда, зиёда аз 1450 миллион киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад, ки 850 миллион киловатт/соати он аз ҳисоби НБО-и Норак истеҳсол карда хоҳад шуд. Дар моҳи июн нисбат ба моҳи май ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ 100 миллион киловатт/соат кам шуданаш дар назар аст.

### АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар моҳи майи соли 2015 нархи 1 халта (50кг) орди гандуми навъи якуми истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 165 то 170 сомонӣ арзиш дошт ва дар назар аст, ки моҳи июни соли ҷори каму беш баландшавии нархи орд дида мешавад. Сабаби асосии тағйир ёфтани нархи орди гандуми навъи якуми истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон баланд шудани нархи сузишвории бензин мебошад. Картошкаи барвақтии истеҳсоли ватанӣ дар моҳи майи соли ҷорӣ 1,50 то 2,0 сомониро ташкил дода дар назар аст, ки то охири моҳи июни соли ҷорӣ арзоншавии нархи картошка дида хоҳад шуд.

Мувофиқи мушоҳидаҳои гузаронидаи мутахассисони соҳа аз майдони 56,3 ҳазор гектар, дар майдони 43,4 ҳазор гектар дар ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Фархор, Панҷ, Қумсангир, Ҷиликул, Хуросон ва Қубодиён малахи марокашӣ паҳн гардидааст. Тибқи нақшаи кории корхонаи ҷумҳуриявии «Мубориза бар зидди малах»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ ба масоҳати 53,2 ҳазор гектар коркарди кимиёвӣ ба нақша гирифта шуда, то имрӯз дар масоҳати 37,2 ҳазор гектар коркарди кимиёвии гузаронида шудааст.

### ТАНДУРУСТӢ

Тибқи маълумотҳо дар моҳи майи соли ҷорӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта пастшавии касалиҳо мушоҳида карда шуд. Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати баланд шудани ҳарорати гармии ҳаво дар фасли тобистон авҷгирии бемориҳои дарунрав, беҳолӣ ва бетобӣ аз эҳтимол дур нест. Бо ин мақсад баҳри пешгирӣ ва табобати бемориҳои шадиди меъдаю руда, Марказхои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона фаъолият доранд.

### МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Аз рӯи маълумотҳои Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар вилоят моҳи майи соли ҷорӣ 5235 нафар шаҳрвандони вилоят вориди қаламрави ҷумҳурӣ гардидаанд, аз ҷумла мардҳо 4737 нафар, занҳо бошад 498 нафарро ташкил дод, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1728 нафар кам мебошад. Ба ин нигоҳ накарда муҳоҷирони меҳнатӣ мувофиқи маълумотҳо дар ин давра ба воситаҳои фурудгоҳҳои байналмиллалии шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа 13962 нафар шаҳрвандони вилоят аз ҷумҳурӣ баромадаанд, аз он ҷумла мардҳо 13219 нафар, занҳо бошад 743 нафарро ташкил дода, нисбати соли гузашта аз шумораи умумӣ 1419 нафар зиёд мебошад.

### ИҚТИСОДИЁТ

Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз аввали соли 2015 бошад нархҳои молҳои истеъмолӣ 103,4 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа 104,3 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа 101,5 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 104,0 фоизро ташкил дод. Мувофиқи маълумоти Сарраёсати молияи вилоят дар моҳҳои январ-майи соли 2015 даромади буҷети маҳаллии вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли 2014-ум 39473,3 ҳазор сомонӣ зиёд шуда ё ин, ки 109,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ гардиши савдои хориҷии вилоят 109,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,9 фоиз ё 2,1 млн доллар кам мебошад. Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ содироти мол 31,3 млн ва воридоти мол 78,0 млн ташкил дод. Бақияи (сальдо) гардиши савдои хориҷии вилоят - 46,7 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

**Мундариҷа.**

**Шарҳи умумӣ**.....2

*1. ХАВФИ ОФАТҲОИ ТАБИЙ*.....4

*1.1. Эҳтимолияти ҳолатҳои фавқулодда дар моҳи июни соли 2015* .....4

*1.2. Ҳолатҳои фавқулоддаи руҳдода дар моҳи майи соли 2015*.....4

*2. ВАЗЪИ ОБУ ҲАВО*.....6

*2.1. Пешгӯӣ барои моҳи июни соли 2015.* .....6

*2.2. Вазъи обу ҳаво дар моҳи майи соли 2015.* .....6

*3. ЭНЕРГЕТИКА*.....7

*3.1. Истеҳсоли қувваи барқ.* .....7

*3.2. Истифодаи қувваи барқ.* .....7

*3.3. Гази табиӣ ва моеъ.* .....8

*3.4. Ангишт.* .....8

*3.5. Сатҳи оби обанбор дар НБО «Норак»* .....8

*4. АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ*.....9

*4.1. Ҳисобот оиди амнияти озуқаворӣ.* .....9

*4.2. Нархи орду гандум.* .....9

*4.3. Нархи картошка.* .....10

*4.4. Нархи сузишворӣ.* .....10

*4.5. Муборизa бар зидди малах*.....10

***5. ТАНДУРУСТӢ***.....11

*6. БОЛОРАВИИ ИҚТИСОДӢ*.....12

*6.1. Болоравии умумӣ.* .....12

*6.2. Муҳоҷирати меҳнатӣ.* .....14

*6.3. Таъсиси ҷойҳои корӣ.* .....14

*6.4. Мубодилаи асъор.* .....16

# 1. ХАВФИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ.

## 1.1. Эҳтимолияти ҳолатҳои фавқулодда дар моҳи июни соли 2015 .

Тибқи маълумотҳои Ситод оиди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят дар моҳи июни соли 2015 эҳтимолияти ҳолатҳои фавқулодда вазиши шамоли сахт, сухтор, омадани сел, обхезӣ, ғарқшавии одамон ҳангоми аз меъёр зиёд ҷорӣ шудани об дар ҷуйҳо (каналҳо) ва садамаҳои нақлиётӣ ҳангоми боридани боронҳо дар шоҳроҳҳо аз эҳтимол дур нест. Ҳангоми обхезӣ инчунин об шудани пиряхҳо (баландшавии сатҳи оби дарёҳо) хатари омадани сел дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла: Ҳамадонӣ, Қубодиён, Шаҳритуз, Фархор, Восеъ, А.Ҷомӣ, Хуросон, Бохтар, Панҷ, Ҷиликул, Ҷ.Румӣ, Шӯрообод, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон аз эҳтимол дур нест.

Тибқи маълумотҳои Ситод оиди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят рӯз то рӯз ғарқшавии одамон зиёд ба қайд гирифта шуда истодааст, ки аксари онҳоро кудакони сини 5 то 14 соларо ташкил медиҳад. Сабаби асосии ин ҳодиса бе масъулиятии падару модарон буда, баҳри пешгирии ин ҳодиса ҳамасола дар фасли тобистон аз тарафи кормандони Ситод оиди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоят оиди бе масъулиятву беаҳмиятии падару модарон нисбати кудакони ноболиғ, ки дар назди ҷуйҳо (каналҳо) ба моҳигирӣ ва оббозӣ даст мезананд дар мактабҳо ва дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

**Маълумот оиди офатҳои табиӣ дар моҳи июни солҳои 2011- 2014 дар миқёси вилояти Хатлон**

| **Сабаби Х.Ф.** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Шамол | 1 | - | 1 | - | 2 |
| Обхези | - | - | - | - | - |
| Борон | 1 | 3 | - | - | 4 |
| Заминҷунбӣ | - | - | 1 | - | 1 |
| Ярч, лағҷиш, сангфаро | - | 1 | - | - | 1 |
| Сел | - | - | - | - | - |
| Тарма | - | - | - | - | - |
| Барф, хунуки | - | - | - | - | - |
| **Ҳамагӣ** | **2** | **4** | **2** | **-** | **8** |

## 1.2. Ҳолатҳои фавқулоддаи рухдода дар моҳи майи соли 2015.

Тибқи маълумотҳои Ситод оиди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят моҳи майи соли 2015, **74** ҳодисаи фавқулоддаи дорои хусусияти техногенӣ дошта ва ғарқшавӣ ба қайд гирифта шудааст, ки зарари умумӣ аз руи ин ҳодисаҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти вилоят расонидашуда **110423** сомониро ташкил дода, ки дар натиҷа **24** нафар ҳалок гардида, **47** нафар ҷароҳатҳои гуногун бардоштаанд, ки бештари ин ҳодисаҳо дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ рӯҳ додааст.

**Аз он ҷумла:**

**а**) Сӯхторҳо -ҳамагӣ **26** ҳодиса ба қайд гирифта шуд, ки маблағи умумии зарар аз ҳисоби сухторҳо **110423** сомониро ташкил медихад. Сар задани сӯхторҳо ин аз бе аҳамиятӣ ва бе

назоратӣ нисбат ба истифодабарии асбобу таҷҳизотҳои барқии маишӣ ва риоя накардани талаботҳои зидди сӯхтор мебошад.

**б)** Садамаҳои нақлиётӣ -ҳамагӣ **48** ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи он **20** нафар ҳалок гардида, **47** нафари дигар ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд. Қайд кардан зарур аст, ки сабаби асосии сар задани садамаҳои нақлиётӣ ин рондани нақлиёт бо суръати баланд, инчунин рондани нақлиёт дар ҳолати мастӣ ва дониши номукаммали ронандагон мебошад.

Инчунин ҳодисаи ғарқшавӣ ба қайд гирифта шудааст, ки рӯзи 26 майи соли ҷорӣ тахминан соатҳои 14:50 дақиқа истиқоматкунандаи ҷамоати шаҳраки Ҳаёти нав деҳаи Ваҳдати ноҳияи Ёвон, шаҳрванд Ҷабборов Абдурасул соли таввалудаш 1989 дар натиҷаи беэҳтиётӣ ҳангоми моҳидорӣ дар шохоби рости маркази ноҳия афтида ғарқ мешавад.

Ҳаминтавр рузи 30 майи соли 2015 тахминан соатҳои 16:00 дақиқа истиқоматкунандаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷамоати шаҳраки Масква кӯчаи Турсунзода хонаи №22 Назирмадов Ҷиён соли таввалудаш 2005 ҳангоми бозӣ намудан, дар канали Чубек афтида ғарқ мешавад.

Аз рӯи маълумотҳои Ситод оиди ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиидошта дар моҳи майи соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудааст.

**Аз он ҷумла:**

**а) ноҳияи Ёвон** – рӯзи 3 майи соли ҷорӣ тақрибан соатҳои 19:14 дақиқа истиқоматкунандаи ҷамоати деҳоти Г. Юсупова деҳаи Гулистон шаҳрванд Акрамов Алимардон Ҷурабекович соли таввалудаш 2007, хонандаи синфи 2-юми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4 ва Тоҳиров Саидмуҳриддин Холназарович, соли таввалудаш 2010 дар канали Р1, ки аз маркази ҷамоати мазкур мегузарад, дар натиҷаи оббозӣ намудан ва риоя накардани қойдаҳои шиноварӣ, афтида ғарқ мешаванд.

**б) ноҳияи Ҷиликул** – рузҳои 8-9 майи соли 2015, дар натиҷаи боридани боронҳои пайдарпай ва вазидани шамоли сахт ба болопуши бинои кохи Ҷавонон, хонаи истиқомати ва биноҳои маъмурии ноҳияи Ҷиликул зарари модди расонид. Инчуни дар натиҷаи боридани борони бошиддат ва омадани сел рӯзи 11- майи соли 2015 тақрибан соатҳои 17:41 дақиқа ба ҷамоати шаҳраки “20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” деҳаи Бустон ва ҷамоати деҳоти “Деҳқонобод” деҳаи Тоҷикободи ноҳияи Ҷиликул зарари иқтисодӣ расонид.

Инчунин дар ҷамоати шаҳраки «20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и ҳамин ноҳия ба дохили 11 хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон ва ба якчанд заминҳои наздиҳавлигии шаҳрвандон обу лойқа даромада ва 2- пули деҳаи Кӯҳдоманро пурра вайрон намудааст, ҳаминтавр ба муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумумии №29, 37, 35, ва 22 ба саҳни муассисаҳои мазкур обу лойқа даромадааст.

Дар ҷамоати деҳоти «Деҳқонобод» деҳаи Тоҷикободи ҳамин ноҳия бошад ба дохили 12 хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон ва ба якчанд заминҳои наздиҳавлигии шаҳрвандон обу лойқа даромада зарар расонидааст.

**в) ноҳияи Хуросон** -дар натиҷаи боридани борони бошиддат ва омадани сел рӯзи 11-майи соли 2015 тақрибан соатҳои 15:30 дақиқа ба ҷамоати деҳоти Қизил-Қалъа деҳаи Меҳнатободи ноҳияи Хуросон ба якчанд заминҳои наздиҳавлигии шаҳрвандон обу

лойқа даромада ва як хонаи шаҳрванд Алиев Сулаймонқул пурра хароб гаштааст. Аз рӯи мушоҳидаҳои мутахассисон тахминан ба 300 метр роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи шоҳроҳи Ҷиликул-Хуросон сангреза фаромада роҳро банд намуд. Аз тарафи хадамоти нақлиёт ва роҳи ноҳияи Хуросон 2 техника сафарбар шуда тахминан соатҳои 20:05 дақиқа шоҳроҳи мазкурро кушоданд.

**г) ноҳияи Қубодиён** - рузи 12 майи соли ҷорӣ дар натиҷаи боридани борони пай дар пай, ҷола ва омадани сел дар ноҳияи Қубодиён ҷамоати деҳоти «Заркамар»-и деҳаи Заркамари ноҳия зарари калони иқтисодӣ расонида дар натича ба 61 хоҷаги обу лойқа даромада хонаҳои истиқоматӣ, иншоотҳои ёрирасон, заминҳои наздиҳавлигӣ ва зироатҳо зарари иқтисодӣ расонид.

**Заминҷунби дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон.**

Тибқи маълумотҳои Маркази зилзиласанҷии шаҳри Душанбе рӯзи 20-майи соли 2015 соати 08:31 дақиқа, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҷунбии 3-4 балла ба қайд гирифта шуд. Ҳисорот ва талафоти чонӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа ба қайд гирифта нашудааст. Дар минтақаи Кӯлоб бошад дар натиҷаи ҷунбиши замин дар ҷамоати деҳоти «Сари Хосор»-и деҳаи Мулконии ноҳияи Балҷувон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33, 2 синфхона пурра зарар дида, инчунин 20 хонаи дигар дар натиҷаи фаромадани ярч дар деҳаи Қозиёни ҷамоати мазкур зарар дида деворҳои хонаҳо кафидааст.

## 2. ВАЗЪИ ОБУ ҲАВО.

### 2.1. Пешгӯӣ барои моҳи июни соли 2015.

Тибқи маълумотҳои Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи июни соли 2015 дар миқёси вилоят ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво наздики меъёри иқлимӣ буда, дар водиҳо 26-28 дараҷа гарм ва дар ноҳияҳои доманакӯҳҳои Хуросон, Ҷиликул, Н. Хусрав, Норак, Шӯрообод, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон ба 22 дараҷа гарм рост меояд. Дар даҳрузаи якуми моҳ мавҷи сарди бо пастшавии ҳарорати ҳаво шабона дар водиҳо 17-22 дараҷа гарм ва рузона бошад 31-36 дараҷа гарм, дар доманакуҳҳо пасту баландшавии ҳарорати ҳаво дида мешавад, шабона аз 10 то 18 дараҷа гарм, рузона бошад аз 26 то 32 дараҷа гарм дар назар дошта шудааст.

Миқдори миёнаи боришот дар аксарияти ноҳияҳо аз меъёр кам пешбинӣ шуда, меъёр дар водиҳо (1-12 мм), дар ноҳияҳои доманакӯҳҳои дар боло зикр гардида (16-22 мм) дар назар дошта шудааст. Дар аввал ва миёнаи моҳ эҳтимолияти боридани боронҳои кутоҳмуддати шиддатнокиашон гуногун бо раъду барқ, дар аввали даҳрузаи сеюми моҳ бошад, шидатёбии шамол аз самти ғарб то 15-20 метр бо туфони чангу ғубор пешгӯӣ карда мешавад.

### 2.2. Вазъи обу ҳаво дар моҳи майи соли 2015.

Аз рӯи маълумотҳои Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят вазъи обу ҳаво дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар моҳи майи соли 2015 чунин буд:

| Вазъи обу ҳаво дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар моҳи майи соли 2015 | | |
|---|---|---|
| **Шаҳру ноҳияҳои вилоят** | **Ҳарорати ҳаво** | **Бориши борон** |
| Шаҳри Қӯрғонтеппа | ҳарорати баландтарини ҳаво 37,0 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 11,3 дараҷа гарм | 31 мм |
| Ноҳияи Панҷ | ҳарорати баланди ҳаво 38,2 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 12,4 дараҷа гарм | 23 мм |
| Ноҳияи Шаҳритуз | ҳарорати баланди ҳаво 38,6 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 13,4 дараҷа гарм | 21 мм |
| Ноҳияи Данғара | ҳарорати баланди ҳаво 37,8 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 12,0 дараҷа | 38 мм |
| Ноҳияи Фархор | ҳарорати баланди ҳаво 36,8 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 13,7 дараҷа гарм, | 26 мм |
| Ноҳияи Ховалинг | ҳарорати баланди ҳаво 30,8 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 8,6 дараҷа хунук | 72 мм |
| Ноҳияи Муъминобод | ҳарорати баланди ҳаво 31,4 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 10,0 дараҷа хунук | 64 мм |
| Ноҳияи Ёвон | ҳарорати баланди ҳаво 36,8 дараҷа гарм ва ҳарорати пасти ҳаво бошад 12,1 дараҷа гарм | 37 мм |

## 3. ЭНЕРГЕТИКА.

### 3.1. Истеҳсоли қувваи барқ.

Тибқи маълумотҳои шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят моҳи майи соли 2015 дар вилояти Хатлон 1325,7 миллион киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол карда шуд, ки аз ин миқдор 947,3 миллион киловатт/соат нерӯи барқ аз ҳисоби НБО-и Норак истеҳсол карда шудааст.

Дар моҳи июни соли ҷорӣ дар назар аст, ки аз ҳисоби нерӯгоҳҳои барқии обии ҳудуди вилоят зиёда аз 1450 миллион киловатт/соат нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад. Бинобар сабаби баланд шудани сатҳи об дар обанбори НБО-и Норак аз шумораи умумӣ 850 миллион киловатт/соати он аз ҳисоби НБО-и Норак истеҳсол карда мешавад.

**Истеҳсоли қувваи барқ аз моҳи январи соли 2013 то моҳи майи соли 2015 дар вилоят (млн. кВт/соат).**




### 3.2. Истифодаи қувваи барқ.

Тибқи маълумотҳои шӯъбаи Энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят моҳи майи соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, 212,5 миллион киловатт/соат нерӯи баркро соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва аҳолии вилоят

истифода бурдаанд, ки ба ҳисоби миёна дар вилоят ба 7,1 миллион киловатт/соат нерӯи барқ дар як шабонарӯз рост меояд. Ва дар назар аст, ки дар моҳи июни соли ҷорӣ миқдори он ба 200-210 миллион киловатт/соат расад.

**Миқдори миёнаи устувори истифодабарии қувваи барқ аз моҳи январи соли 2013 то моҳи майи соли 2015 дар вилоят (млн. кВт/соат).**




### 3.3. Гази табиӣ ва моеъ.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, дар вилоят истихроҷи газ 1352 ҳазор метри мукааброташкил дод, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 386,3 ҳазор метри мукааб зиёд мебошад, аз ҷумла аз кони Сурх-Симои ноҳияи Ҷалолидини Румӣ истихроҷ 1315 ҳазор метри мукааб газ муяссар гардид, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 490,6 ҳазор метри мукааб зиёд мебошад ва аз кони гази табии ноҳияи Балҷувон бошад ба 37 ҳазор метри мукааб истихроҷи газ муяссар гардид, ки нисбати соли гузашта 45,1 ҳазор метри мукааб кам мебошад. Ҳаҷми гази истихроҷшуда, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Ҷ. Румиро имкон дорад. Мутаассифона, бинобар сабаби муддати тулонӣ мавҷуд набудани гази табиӣ хатҳои интиқоли газ корношоям шуда, ба таъмир ниёз доранд.

### 3.4. Ангишт.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, бинобар сабаби номусоидии обу ҳаво, боридани боронҳои шидатнокиашон баланд корҳо дар самти истихроҷи ангишт маҳдуд гардидааст ва аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар панҷ моҳи соли ҷорӣ дар вилояти Хатлон ангишт истихроҷ карда нашудааст. Дар назар аст, ки моҳҳои минбаъда бо мусоид омадани обу ҳаво ва фарорасии мавсим КФ “Кони ангишт”-и Шурообод ба кор даромада, ба истихроҷи ангишт оғоз менамояд.

### 3.5. Сатҳи оби обанбор дар НБО «Норак»

Тибқи маълумоти шӯъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар моҳи майи соли 2015 сатҳи об дар обанбори НБО-и Норак ба ҳисоби миёна 800,0 метрро ташкил дода, ҳамзамон дар моҳи июни соли ҷорӣ бинобар сабаби зиёд истифода бурдани об дар соҳаи хоҷагии қишлоқи шаҳру ноҳияҳои вилоят сатҳи об дар обанбор кам шуданаш дар назар аст.

# 4. АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ.

## 4.1. Хисобот оиди амнияти озуқаворӣ.

Тибқи ҳисоботҳои оморӣ, бинобар сабаби қатъ гардидани роҳи оҳани вилоят аз моҳи ноябри соли 2011 то моҳи майи соли 2015 орд ба вилоят аз хориҷ, ба воситаи гузаргоҳҳои гумрукии вилоят, ворид нашудааст. Воридоти гандум ва орд аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе ба бозорҳои вилоят тавассути нақлиёти боркашонӣ ворид мешавад. Аз ин сабаб дар моҳи июни соли 2015 нархи орди гандум нисбати моҳи май аз сабаби болоравии нархи сузишворӣ тағйир меёбад.

Арзиши як халта (50кг) орди истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи майи соли 2015 170 сомонӣ (31,50 доллари ИМА) ташкил дод.

Бинобар сабаби ба вуқӯъ омадани кризиси молиявӣ дар Россия ва болоравии қурби доллари ИМА дар бозорҳои вилоят ба нархҳои маводҳои озуқаворӣ таъсири худро расонид.

Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ аз рӯи маълумотҳои гумрукӣ дар ин давра ба воситаи гузаргоҳи гумрукии Панҷи поёни вилояти Хатлон маводҳои нафтӣ ворид шудааст. Асосан маҳсулотҳои нафти аз Ҷумҳурии Исломии Эрон ба қаламрави виоят ворид мешавад. Нархи миёнаи воридоти маҳсулоти нафтӣ (равғанҳои молиданӣ) 2490 доллари ИМА барои 1 тонна, сузишвории дизелӣ (солярка) 434 доллар барои 1 тонна-ро ташкил медиҳад. Гази моеъ бошад ба таввасути нақлиёти автомобилӣ аз вилояти Суғд ворид мешавад.

## 4.2. Нархи орду гандум.

Орд бештар ба воситаи автомобилҳои боркашонӣ аз бозорҳои шаҳри Душанбе, Ҳисор ва вилояти Суғд ба бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ворид мешавад. Дар моҳи майи соли 2015 нархи 1 халта (50 кг) орди гандуми навъи якуми истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 165 то 170 сомонӣ арзиш дошт.

Сабаби асосии баландравии нархи орди гандуми навъи якуми истеҳсоли Ҷумҳурии Қазоқистон дар моҳи июни соли ҷорӣ дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз болоравии нархи сузишворӣ (бензин) ва гази моеъ мебошад.

**Диаграммаи дар поён буда нархи 1кг ордро аз моҳи январи соли 2013 то моҳи майи соли 2015-ро нишон медиҳад.**



### 4.3. Нархи картошка.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ ворид шудани картошкаи барвақтии истеҳсоли ватанӣ дар моҳи июни соли ҷорӣ нисбати моҳи гузашта арзоншавии нархи картошка дида мешавад. Нархи 1кг картошка дар бозорҳои вилоят аз 1,50 то 2,0 сомониро ташкил медиҳад. Эҳтимолияти тағйир наёфтани нархи картошка то охири моҳ дар назар аст.

**Диаграммаи дар поён буда нархи 1кг картошкаро аз моҳи январи соли 2013 то моҳи майи соли 2015-ро нишон медиҳад.**




### 4.4. Нархи сузишворӣ.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ ба 1 майи соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 401 нуқтаҳои фуруши сузишворӣ фаъолият менамоянд. Аз моҳи май то 9 июни соли 2015 нархи бензин ва сузишвории дизелӣ дар нуқтаҳои фуруши сузишворӣ каму беш тағйир ёфт. Дар моҳи майи соли 2015 нисбати моҳи гузашта нархи бензини тамғаи А 92 –1,1 фоиз, бензини тамғаи А 80 –1,5 фоиз қиммат шуд. Зимнан аз сабаби оғози кишти зироатҳои кишоварзӣ нархи сузишвории дизелӣ (солярка) нисбати моҳи гузашта 2,0 фоиз афзуда, 5,10 сомонӣ барои як литрро ташкил медиҳад.

### 4.5. Мубориза бар зидди малах.

Мувофиқи маълумотҳои шӯъбаи иқтисод молия ва ояндабинии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, доир ба муборизаи зидди малах бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят аз тарафи вазорати кишоварзӣ ба воситаи корхонаи воҳиди давлатии «Мубориза бар зидди малах»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Барномаи «Мубориза бар зидди малах» маводҳои зарурӣ, аз он ҷумла сузишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва захрхимикатҳо ба намояндагони корхона дар шаҳру ноҳияҳо дар асоси дархост ҷудо гардида, мақсаднок истифодабарии он зери назорати доимӣ қарор дорад.

Мувофиқи мушоҳидаҳои гузаронидаи мутахассисони соҳа аз майдони 56,3 ҳазор гектар дар майдони 43,4 ҳазор гектар малахи марокашӣ паҳн гардидааст.

Тибқи нақша, аз тарафи корхонаи ҷумҳуриявии «Мубориза бар зидди малах»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ ба масоҳати 53,2 ҳазор гектар коркарди кимиёвӣ ба нақша гирифта шуда, то имрӯз дар масоҳати 37,2 ҳазор гектар коркарди кимиёвии он гузаронида шуд.

Ҷиҳати сари вақт гузаронидани мубориза бар зидди ин ҳашарот ба шаҳру ноҳияҳои вилоят 59 адад аппаратҳои дастӣ, 6 адад апаратҳои «Улва», 143 адад аппаратҳои моторӣ, 29 адад трактурҳои гуногунтамға, аз ҷумла 14 адад ОВХ, 1 адад УАЗ, 1 адад ГАЗ-53 аз ҳисоби корхона, 13 адад дигар техникаҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии шаҳру ноҳияҳо, 7035 литр бензин, 14465 литр сузишвории дизелӣ, 10045 литр заҳрдоруҳо ҷудо гардида, ба кори он 548 нафар, аз он 328 нафар аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 220 нафар аз ҳисоби корхонаву ташкилотҳо сафарбар намуда, то имрӯз малахи марокашӣ ба хоҷагии халқи вилоят хисороти худро нарасонидааст.

## 5. ТАНДУРУСТӢ.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ ва Маркази давлатии назорати санитарию эпидемиологии вилояти Хатлон, ҳолати эпидемиологии вилоят муътадил буда, ба ҳолати 05.06.15 дар чунин вазъ қарор дорад.

- Пастшавии бемориҳои сирояткунандаи шадиди меъдаю рӯда.
- Пастшавии бемории домана.
- Пастшавии бемории сил.
- Пастшавии бемории зуком ба қайд гирифта шудааст.
- Пастшавии бемориҳои шадиди рохи нафас.
- Пастшавии бемории брутселёз.
- Пастшавии бемории исҳоли хунин.
- Пастшавии бемориҳои осебдидагон аз ҳайвонҳо.
- Пастшавии бемории табби хунин.
- Бемории сибирская язва (бемории сухтани) ба қайд гирифта нашудааст.
- Бемории кабутсулфа умуман ба қайд гирифта нашудааст.

**Ҷадвали ҳисоботҳои омории бемориҳои сирояткунанда дар моҳи майи солҳои 2014 ва 2015 дар қаламрави вилояти Хатлон**

| *№* | *Номгуи беморихо (нозология)* | *2014* | *2015* | *(+-)* |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бемории Домана | 3 | 2 | -1 |
| 2 | Бемории шадиди меъдаю руда | 1018 | 893 | -125 |
| 3 | Исҳоли хунин | 11 | 6 | -5 |
| 4 | Брутселлёз | 51 | 38 | -13 |
| 5 | Кабутсулфа | 0 | 0 | 0 |
| 6 | Сибирская язва | 0 | 0 | 0 |
| 7 | Осебдидагон аз ҳайвонҳо | 1891 | 1709 | -182 |
| 8 | Табби хунин | 2 | 0 | -2 |
| 9 | Бемории сил | 808 | 794 | -14 |
| 10 | Бемориҳои шадиди роҳи нафас | 17971 | 12239 | -5732 |
| 11 | Зуком | 1216 | 710 | -506 |

Ҳамасола дар фасли тобистон дар ҳолати баланд шудани ҳарорати гармии ҳаво авҷгирии бемориҳои дарунрав ва беҳолӣ аз эҳтимол дур нест. Бо ин мақсад баҳри пешгирии ин бемориҳо Марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона фаъолият доранд, ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳуҷраҳои обнушонӣ ва катҳои рузона дар Маркази Саломатии Деҳотӣ ва Бунгоҳи Саломатӣ барои табобати беморон ташкил карда шудааст.

| **Эҳтимолияти таҳдиди хатарҳо дар моҳи июни соли 2015 ва чорабиниҳо нисбати пешгирии онҳо** | |
|---|---|
| **Мавҷудоти сар заданди хатар** | **Тавсия (маслиҳатҳо) оиди пешгирӣ** |
| Дар моҳи июн гирифтани осебҳо дар истеҳсолот ҳангоми корҳои саҳрои дар вақти корҳои кишоварзӣ мумкин аст авҷ гирад. | Пешгири кардан ва гузаронидани корҳои омафаҳмони байни мардум риоя намудани техникаи бехатарӣ бо асбобҳои кишоварзӣ хангоми корҳои саҳрои мавсими аз ҷумла ғалладарави ва мавсими тайёр намудани хуроки чорво аз ҷумла алафдаравӣ дар куҳу пуштаҳо. |
| Хангоми баланд шудани ҳарорати ҳаво дар мохи | Пешгири дар ҷойҳо ва гузаронидани корҳои |

| | |
|---|---|
| июн мумкин аст таъсири офтоб ба организми одамон зиёд шавад. | омафахмонӣ дар байни ахолӣ, дар сояи дарахтон ва нушидани обҳои ташнашикан ва махлулхои ғизои аз ҷумла витаминҳо ва сабзавотҳо баромади кормандони Марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ба тариқи симою садо, маҷаллаҳо ва рузномаҳои ватанӣ. |
| Дар моҳи июн -ҳангоми- корҳои саҳрои дар вақти алафдаравӣ дар саҳро мумкин аст, газидани морҳо, хазандагон ва канаҳо, ки бемории табби хунин авҷ гирад. | Бо ин мақсад пешгири кардан ва гузаронидани корҳои омафаҳмони байни мардум риоя намудани пешгирии бемориҳо, аз ҷумла дар бар кардани либосҳои махсус ва пойафзолҳои махсус, пешгирии ёрии аввалиндараҷа расонидан ҳангоми чунин ҳолатҳо баромади кормандони Марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ба тариқи симою садо, маҷҷалаҳо ва рузномаҳои ватанӣ. |
| Зиёдшавии муҳоҷирати меҳнати ба Тоҷикистон аз Федератсияи Руссия ҳангоми баргаштан ба хонаҳо, мумкин аст, ва аз эҳтимол дур нест, шумораи бемориҳои бо алоқаи ҷинси гузаранда ВИЧ/СПИД зиёд ба қайд гирифта шаванд ва гайраҳо. | Гузаронидани чорабиниҳои профилактики ва азназаргузарони тибби дар Фурудгоҳҳои байналмиллали, ш.Қӯрғонтеппа, ш.Душанбе, сарҳадот ва Панҷи поён баромади кормандони Марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ба тариқи симою садо, маҷаллаҳо ва рузномаҳои ватанӣ паҳн намудани варакаҳои иттилооти ҳангоми сафар ва баргаштани муҳоҷирони меҳнати дар қаламрави вилоят. |

## 6. БОЛОРАВИИ ИҚТИСОДӢ.

### 6.1. Болоравии умумӣ.

Аз рӯи маълумотҳои Сарраёсати омори назди президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи майи соли 2015 вазъи иқтисодиёти вилоят дар сатҳи дурнамои пешбинишуда мӯътадил қарор дошта, дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешравиҳо мушоҳида карда шуд.

Дар моҳҳои январ-майи соли 2015 корхонаҳои саноатӣ ба маблағи 1300,4 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ 25,0 фоизро ташкил дод.

Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ин давра, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 1130,4 млн сомониро ташкил дод. Аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 432,7 млн сомонӣ ё 18,2 баробар зиёд мебошад, соҳаи чорводорӣ бошад 697,8 млн сомонӣ ё 3,2 фоиз нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд шудааст.

Ҳаҷми сармоягузории сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 371,0 млн сомонӣ истифода карда шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 80,9 фоизро ташкил дод, ки ин 84,1 млн сомонӣ кам мебошад. Инчунин аз рӯи сохтмони объектҳои таъиноти истеҳсолӣ 191,4 млн сомонӣ ё ин, ки 51,6 фоиз, объектҳои таъиноти ғайриистеҳсолӣ 179,6 млн сомонӣ ё 48,4 фоизи ҳаҷми сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузории вилоятро ташкил медиҳад. Қисми зиёди сармоягузории асосӣ ба бахши аҳолӣ 16,0 фоиз, бахши давлатӣ 27,9 фоиз, соҳибкорони шахсӣ 14,2 фоиз, ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд 8,5 фоиз, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ 1,0 фоиз ва хориҷӣ 32,4 фоиз равона шудааст.

Индекси нархҳои молҳои истеъмолӣ дар моҳи майи соли 2015 нисбат ба моҳи гузашта 100,33 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа 100,32 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа 100,27 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 100,50 фоизро ташкил дод.

Аз аввали соли 2015 бошад нархҳои молҳои истеъмолӣ 103,4 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқа 104,3 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа 101,5 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 104,0 фоизро ташкил дод.

Суръати миёнаи моҳонаи бекурбшавӣ дар сектори истеъмолӣ 0,7 фоизро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли гузашта 0,9 фоиз буд).

Соли ҷорӣ бекурбшавии асъори миллӣ дар сектори истеъмолӣ нисбат ба декабри соли 2014 3,4 фоиз-ро ташкил дод. Ҳиссаи зиёди ҳадди таваррумро молҳои озуқаворӣ 4,3 фоиз, молҳои ғайриозуқаворӣ 1,5 фоиз ва хизматрасонӣ -4,0 фоиз ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти Сарраёсати молияи вилоят дар моҳҳои январ-майи соли 2015 даромади буҷети маҳаллии вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли 2014-ум 39473,3 ҳазор сомонӣ зиёд шуда ё ин, ки 109,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ гардиши савдои хориҷии вилоят 109,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,9 фоиз ё 2,1млн доллар кам мебошад.

Содироти мол дар моҳи май 6,6 млн доллар ва воридоти мол 17,0 млн долларро ташкил дод. Бақияи (сальдо) гардиши савдои хориҷии вилоят -10,4 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-майи соли ҷорӣ содироти мол 31,3 млн ва воридоти мол 78,0 млн ташкил дод. Бақияи (сальдо) гардиши савдои хориҷии вилоят -46,7 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи маълумотҳои фаврии шӯъбаи Бонки Миллии минтақавӣ дар ш. Қӯрғонтеппа бо мақсади рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва эҳтиёҷоти аҳолӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои хурди маблағгузории ҳудуди вилояти Хатлон дар панҷ моҳи соли ҷорӣ аз тамоми манбаҳо ба тамоми бахшҳои иқтисодиёти вилоят дар маҷмуъ 498,5 миллион сомонӣ маблағҳои қарзӣ бонки дода шудааст, ки маблағи мазкур нисбати ҳамин давраи соли гузашта -13,5% (-77,5 миллион сомонӣ) кам мебошад. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои қарзии додашуда 210,3 миллион сомонӣ (42%) ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла пахтакорӣ 21,4 миллион сомонӣ (4%), агробизнес 188,9 миллион сомонӣ (38%), 116,3 миллион сомонӣ (23%) ба соҳаи савдои яклухт ва чакана ва 171,9 миллион сомонӣ (35%) ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар соҳаҳо рост меояд. Аз ҳисоби маблағӣ умумии қарзи додашуда 446,7 миллион сомониашро маблағҳои қарзи хурди бонкӣ ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли гузашта -89,9 миллион сомонӣ кам мебошад.

**Диаграммаи дар поён буда қарзҳои додашуда аз тамоми манбаъҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти вилоятро моҳ ба моҳ аз солҳои 2012 то моҳи майи соли 2015-ро нишон медиҳад.**



### 6.2. Муҳоҷирати меҳнатӣ.

Аз рӯи маълумотҳои Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар моҳи майи соли 2015 ба воситаҳои фурудгоҳҳои байналмиллалии шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа 13962 нафар шаҳрвандони вилоят аз ҷумҳурӣ баромадаанд, аз он ҷумла мардҳо 13219 нафар, занҳо бошад 743 нафарро ташкил дод, ки нисбати соли гузашта аз шумораи умумӣ 1419 нафар зиёд мебошад. Дар ҳамин давра 5235 нафар шаҳрвандони вилоят вориди қаламрави ҷумҳурӣ гардидаанд, аз ҷумла мардҳо 4737 нафар, занҳо бошад 498 нафар ташкил дод, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1728 нафар кам мебошад.

**Диаграммаи дар поён нишондодашуда муҳоҷирати меҳнатии вилоятро моҳ ба моҳ аз солҳои 2012 то моҳи майи соли 2015 дар бар мегирад.**

### 6.3. Таъсиси ҷойҳои корӣ.

Дар моҳи майи соли 2015 ба раёсат, шуъбаҳо ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 3640 нафар мурочиат намуда аз ин шумора 3025 нафарашон ба қайд гирифта шуда, ба 2490 нафар мақоми бекорӣ дода шудааст.

Оид ба иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар самти мусоидат ва бо кор таъмин намудани аҳолии бе шуғл, мутобиқи дархости кордиҳандагон дар моҳи майи соли равон 1203 нафар бекорон бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шуданд, ки иҷроиши он 9,3 фоизро таъмин менамояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар моҳи майи соли 2015, аз тарафи раёсату шуъбаҳо ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 26 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуд, ки дар рафти баргузории онҳо 222 корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳои гуногуни вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ иштирок намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод 266 нафар ба ҷойи кор роҳхат гирифтанд, ки аз ин шумора 211 нафарашон бо ҷои кори доимӣ таъмин шуданд. Инчунин 55 нафар шаҳрвандон тавассути ярмарка ба шуғл ҷалб гардиданд.

Ҳамчунин дар давоми моҳи май аз ҷониби раёсату шуъбаҳо ва бахшҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 784 нафар шаҳрвандони аз сафи қуввахои мусалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта ва аз маҳбас озод шуда, кӯмакпулӣ таъин гардида ва ба 421 нафар шаҳрвандони дар қайд буда ба маблағи умумии 119006 сомонӣ пардохт карда шуд, ки иҷрои нақшаи солонаро 17,7 фоиз таъмин менамояд.

Дар моҳи майи соли равон аз тарафи раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 75 нафар бекорони дар қайди мақомоти Агентӣ буда, қарзҳои имтиёзнок ба маблағи 311,5 ҳазор сомонӣ дода шудааст, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат менамояд.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолии бе шуғл яке аз самтҳои асосии тараққиёти иҷтимоии иқтисодии ҳар як давлату миллат мебошад. Дар моҳи майи соли ҷори дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 7523 ҷойҳои нав ва барқарор - шудаи корӣ ба истифода дода шудаанд, ки он 16,1 фоизи нақшаи солонаи барномавиро дар ҳамин моҳ ташкил медиҳад.

Ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби корхонаҳои бахши давлатӣ 543 ҷой, бахши коллективӣ 2081 ҷой, дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият 1764 ҷой ва дар бахши хусусӣ бошад 3135 ҷой таъсис ёфтанд.

Ҷойҳои нави кории таъсисгардида 7523 ҷойи корӣ доимӣ, 1746 ҷойи кори мавсимӣ 4548 ҷойи корӣ муваққатӣ 1229 ҷойро ташкил медиҳад. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо дар давраи ҳисоботӣ бошад 46 ҷойро ташкил медиҳад.

Инчуни оид касбомӯзи дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар моҳи май 813 нафар аз руи ихтисосҳои гуногун ба шахрвандони бекор бо тариқи ройгон ба касбомузи фаро гирифта шудаанд.

Ҳаминро қайд кардан бо маврид аст, ки дар моҳи майи соли равон ба раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳоли дар шаҳру ноҳияҳо 102 нафар муҳоҷирони ба ватанбаргашта мурочиат намуданд, ки 25 нафарашон ба ҷойи кор таъмин шуданд 19 нафарашон ба касбомузӣ ва ба 4 нафар қарзҳои имтиёзнок дода шуда инчуни ба 54 нафарашон машварати касби гузаронида шуданд. Дар моҳи май аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳо ва хоҷагиву корхонаҳои шаҳру ноҳияҳо ба раёсат ва шуъбаҳои Агентӣ оиди мавҷудияти 3154 ҷойҳои холи (вакансия) ва вазифаҳои озоди худ дархост пешниҳод намуданд.

**Ҷойҳои кории холии пешниҳод кардашудаи ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барои моҳи июни соли 2015 .**

| Р\Т. | Номгӯи чорабиниҳо | Кургонтеппа | Бохтар | Н.Хусрав | Вахш | Хуросон | Ҷиликул | Кубодиён | Ч.Румӣ | Ҷоми | Кумсангир | Панҷ | Сарбанд | Шаҳритус | Ёвон | Данғара | Норак | ш.Кӯлоб | Восеъ | Ҳамадонӣ | Фархор | Темурмалик | Ховалинг | Муъминобод | Шурообод | Балҷувон | Ҳамагӣ дар вилоят |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | 87 | 144 | 101 | 117 | 415 | 58 | 110 | 65 | 130 | 245 | 50 | 51 | 87 | 322 | 27 | 356 | 149 | 114 | 22 | 94 | 34 | 100 | 116 | 160 | 0 | 3154 |
| 1 | Саноат | 62 | | | | | 2 | | | | 2 | 9 | | | 81 | 13 | 293 | 6 | 56 | 1 | 35 | | | 3 | | | 563 |
| | музди меҳнат | 340 | | | | | 668 | | | | 350 | 320 | | | 474 | 337 | 450 | 400 | 390 | 680 | 400 | | | 550 | | | 446 |
| 2 | сохтмон | | | | | | | | | | | | | | | | | 18 | | | 13 | | | | 20 | | 51 |
| | музди меҳнат | | | | | | | | | | | | | | | | | 500 | | | 800 | | | | 738 | | 679 |
| 3 | Кишоварзӣ | | | 1 | | 323 | 5 | 62 | | | 6 | 1 | | | 24 | | | | | 2 | | | | 2 | | | 426 |
| | музди меҳнат | | | 340 | | 320 | 400 | 350 | | | 300 | 431 | | | 450 | | | | | 350 | | | | 380 | | | 369 |
| 4 | Нақлиёт ва алоқа | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 3 | | | | 3 |
| | музди меҳнат | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 350 | | | | 350 |
| 5 | Маориф ва фарҳанг | | 20 | 37 | 13 | 11 | 16 | 15 | 8 | 8 | 16 | 15 | | 9 | 22 | 14 | 6 | | 6 | 4 | 14 | 12 | 46 | 13 | 16 | | 321 |
| | музди меҳнат | | 372 | 400 | 473 | 350 | 360 | 400 | 540 | 405 | 420 | 416 | | 450 | 445 | 630 | 575 | | 305 | 450 | 410 | 420 | 503 | 360 | 444 | | 435 |
| 6 | Тандурусти | 18 | 124 | 54 | 104 | 18 | 32 | 17 | 57 | 95 | 215 | 4 | 42 | 8 | 94 | | 57 | 115 | 48 | | 18 | 12 | 51 | 85 | 124 | | 1392 |
| | музди меҳнат | 360 | 460 | 440 | 450 | 448 | 490 | 440 | 490 | 397 | 490 | 360 | 543 | 320 | 493 | | 450 | 460 | 669 | | 550 | 490 | 370 | 405 | 397 | | 453 |
| 7 | Савдо ва хизматрасони | | | 7 | | | | | | | | 20 | | 36 | 66 | | | | | | | | | | | | 129 |
| | музди меҳнат | | | 350 | | | | | | | | 400 | | 300 | 500 | | | | | | | | | | | | 388 |
| 8 | Манзилию коммунали | 7 | | 2 | | 8 | | 16 | | 27 | | | | 18 | 11 | | | | | 3 | 6 | | | | | | 98 |
| | музди меҳнат | 360 | | 350 | | 290 | | 370 | | 360 | | | | 360 | 350 | | | | | 360 | 400 | | | | | | 355 |
| 9 | Дигар сохаҳо | | | | | 55 | 3 | | | | 6 | 1 | 9 | 16 | 24 | | | 10 | 4 | 12 | 8 | 10 | | 13 | | | 171 |
| | музди меҳнат | | | | | 450 | 979 | | | | 400 | 700 | 603 | 450 | 400 | | | 470 | 320 | 540 | 550 | 360 | | 450 | | | 513 |

### 6.4. Мубодилаи асъор.

Аз рӯи маълумотҳои Шуъбаи Бонки Миллӣ дар ш. Қӯрғонтеппа қурби асъори миллӣ ба 1 июни соли 2015 нисбати моҳи гузашта каму беш тағйир ёфтааст ва 6,27 сомониро нисбати 1 доллари ИМА ташкил медиҳад. Қурби миёнаи 10 рубли русӣ бошад ба 0,13 дирам асъори миллӣ рост меояд. Ба 1 июни соли 2015 дар 3 бозори калонтарини вилояти Хатлон (шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ноҳияи Шаҳритуз) 6,50 - 6,51 сомониро нисбати 1 доллари ИМА, 10 рубли русӣ бошад ба 1,24 - 1,25 сомониро ташкил медихад. Аз рӯи маълумотҳои солҳои пеш дар моҳи июни соли ҷорӣ, қурби асъори миллӣ тағйир ёфтанаш дар назар аст.

**Диаграммаи дар поёнбуда қурби асъори миллиро нисбат ба доллари ИМА моҳ ба моҳ аз солҳои 2013 то моҳи майи соли 2015 дар бар мегирад.**




**Диаграммаи дар поёнбуда қурби асъори миллиро нисбат ба рубли русӣ моҳ ба моҳ аз солҳои 2012 то моҳи майи соли 2015 дар бар мегирад.**



Мақсади ҷамъоварии маълумотҳои ҳармоҳаи системаи мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ дар вилояти Хатлон аз он иборат аст, ки маълумотҳои пешниҳоднамуда барои гузаронидани таҳлили соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ оиди иқтисодиёт, озуқа, энергетика, саноат, тандурустӣ ва пешгирии хавфи рух додани офатҳои табиӣ дар вилоят мебошад. Маълумотҳо аз рӯи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи гӯруҳи корӣ оид ба системаи минтақавии мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда мешаванд.

Раёсати рушди иқтисод ва савдои вилояти Хатлон

Шӯъбаи минтақавии Бонки Миллии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа

Сарраёсати кишоварзии вилоят

Шуъбаи энергетика ва саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят

Раёсати Агентии давлатии меҳнат ва шуғли аҳолии вилоят

Раёсати тандурустии вилоят

Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят

Маркази обу ҳаво санҷии вилоят

Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании вилоят

Бахши коммуналии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят

Бахши муҳандисию мелиоративии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят

Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят.

Ҳисоботи мазкур бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид ба чоп расонида мешавад.

**Маълумотҳо барои тамос:**

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, куч. Ҳувайдуллоев 1 ш. Қӯрғонтеппа 735140.**

**Мутахассиси Системаи Минтақавии Мониторинг ва Огоҳкунии Қаблӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Эргашев Муҳаммад Сафаралиевич.**

**e-mail:** kadrho@khatlon.tj

**Тел. 918-33-29-66**

**Метавонед бо ҳисобот дар сайти** www.khatlon.tj **ва** untj.org **шинос шавед.**